ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба унвонҷӯ дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ Умарзода Сафаралӣ Умар аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи фаиҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ)**

**Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:** Умарзода Сафаралӣ Умар 18 августи соли 1992 дар шаҳри Кӯлоб кучаи Исмоили Сомонӣ дар оилаи зиёи таваллуд шудааст. Солҳои 2011 - 2014 ФДТТК бакалавр, (ихтисос 1-400101 систематехник) ва солҳои 2015 - 2016 ДТМИК магистратураро (ихтисос 1-40010202 – низом ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт) хатм кардааст. Касб муҳандис – барномасоз, иқтисодчӣ мебошад. Аз феврали солҳои 2015 – 2016 дар вазифаи нозири маркази тестии ДТМИК, солҳои 2016 - 2017 нозири маркази компютерӣ ва забономӯзӣ ДТМИК, солҳои 2017 - 2018 мутахассиси пешбари бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон назди шӯъбаи таълими ДИДНПҶТ, солҳои 2018 - 2019 сармутахассис оид ба тестии шӯъбаи таълими ДИДНПҶТ ва ҳамзамон унвонҷуи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз моҳи май то ноябри соли 2019 сармутахассиси мониторенги сифати таҳсилоти шӯъбаи таълими ДИДНПҶТ, солҳои 2019 - 2020 сардори маркази тестии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020 - 2021 сардори шуъбаи тестии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кору фаъолият кардааст. Аз моҳи сентиябри соли 2021 сардори шуъбаи бақайдгирӣ ва машварати академии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаолият дорад.

Мавзуи рисолаи номзадии Умарзода Сафаралӣ Умар бо унвонии «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» зери роҳбарии **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад.

Солҳои охир диққати Умарзода Сафаралӣ Умар проблемаи истифодаи технолгияи иттилооти дар дарсҳои физика бештар ҷалб намуда буд. Аз ин рӯ дар кори илмӣ таҳқиқотӣ проблемаҳои исстифодаи ТИК –ро дар ҷараёни корҳои таълимию озмоишӣ таъмин намудани ҳамгироии маҳоратҳои касбӣ дар амал тадбиқ намудан ва истифода намудани маҳорат, таҷрибаву малакаҳои андӯхташуда аз ҷониби омӯзгорон ироа гардидааст.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯй Умарзода Сафаралӣ Умар худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос, ташаббускор, эҷодкор ва навовар муаррифӣ намуда, имтиҳонҳои номзадиашро бомуваффақият супоридааст.

Мақолаҳои илмӣ–методии нашрнамудаи ӯ мундариҷаи асосии дисертатсияро инъикос мекунанд.

Умарзода Сафаралӣ Умар оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 27 мақола ба нашр расонидааст, ки 9–тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Камисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Унвонҷӯ Умарзода Сафаралӣ Умар дар конфронсияҳои илмӣ минтақавӣ ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намудааст. Ӯ дар байни ҷомеа, ҳамкорон ва донишҷӯён сазовори обрӯю эътибори хоса мебошад.

Дар даврai омодасозии диссертатсия Умарзода Сафаралӣ Умар теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар корҳои озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот омӯхтаву таҳлил намуда, бовиҷдонӣ, суботкорӣ, иродаи қавӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятнокиро нишон дод.

Мавзуи рисолаи номзадии Умарзода Сафаралӣ Умар бо унвонии «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» ба талаботи Низомномаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба додани дараҷаиҳои илмӣ пурра мувофиқ буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ; Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, мудири кафедраи барномасозӣ
ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Мирзоев Абдулазиз
Раҷабович

**Маълумот барои тамос:** шаҳри Душанбе, ҳиёбони Борбад 48/5
Тел.+992 2348802, +99291863б113; почтаи электронӣ: aziz69@mail.ru

Имзои А.Р. Мирзоев - ро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ ДБСҶТ Ҷураев Ш.Н.